«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
_________ Насриддинзода Э.С.
«__06__» ____03____ 2025

# ХУЛОСАИ
## кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

Роҳбари илмии Мамадкулова Рано Олимовна номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷӣ Самиев Холаҳмад Давлатович мебошад.

Мавзуи диссертатсия бо қарори Шурои олимони факултети муносибатҳои байналхалқӣ зери унвони «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» аз 16 июни соли 2017, таҳти №10 тасдиқ гардидааст.

Мамадкулова Рано Олимовна соли 2017 ба ҳайси унвонҷуи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб), таҳти протоколи №05 аз 03.06.2017, таърих ва фалсафаи илм - 4 (хуб), таҳти протоколи №05 аз 30.12.2017 ва аз руи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна - 5 (аъло), таҳти

протоколи №12 аз 20.11.2022 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Кафедраи минтақашиносии хориҷӣ дар ҷаласаи худ ҷиҳати муҳокимаи такрории диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» хулосаҳои зеринро қабул кард:

Таҳқиқ ва омузиши мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» ҷиҳати дарки сатҳ ва вижагиҳои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар марҳилаҳои таърихӣ, барқарории ҳамкориҳои мутақобила, хусусияти робитаҳо дар ибтидои асри XXI ва ҳамшарикии давлатҳо дар замони муосир аҳамияти хосса дорад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот** дар баробари аҳамияти таърихӣ ва стратегӣ доштанаш боз аз он ҷиҳат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааast,
ки муносибатҳои ду кишвар имрузҳо дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта, пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳарду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд. Чунончи, 22-юми октябри соли 2022 дар рузҳои ҷашнгирии 30-юмин солгарди устуворшавии робитаҳои дипломатӣ дар пойтахтҳои ҳар ду кишвар – дар Душанбе ва Тошканд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев барқияи табрикӣ фиристода, изҳор дошта буд: "Сиюмин солгарди барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон фурсати фараҳбахшеро фароҳам овардааст, то дар ростои ин санаи муҳим дар таърихи навини робитаҳои байни кишварҳоямон ба Шумо табрикоти гарму самимӣ ва таманниёти беҳтарини худро расонам. Боиси хушнудист, ки дар ин давра муносибатҳои дустӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории Тоҷикистону Узбекистон, зимни рушди пайваста дар тамоми соҳаҳои мавриди

манфиати ҷонибҳо, имруз ба сатҳи баланди шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ расидаанд. Мо аз ҳолати кунунии муносибатҳои барои ҷонибҳо судманди ду кишвар амиқан изҳори қаноатмандӣ карда, итминон дорем, ки ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Узбекистон, ки бар асоси усулҳои пойдори ҳамсоягии нек, эҳтиром, эътимод ва дастгирии ҳамдигарӣ бунёд ёфтаанд, минбаъд низ бо суръати афзоянда рушд намуда, ба нафъи манфиатҳои аслии ду мардуми бародар бо иқдомҳои нави созанда ғанӣ хоҳанд гардид".

Бинобар ин ҳадафи кори диссертатсионӣ дар таҳлили раванди истиқрор ва рушди ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва илмӣ- фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Узбекистон зоҳир мегардад.

**Навгониҳои илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши амиқ, таҳлил ва таҳқиқи шоиста, тавсифи объективии шароитҳо ва имкониятҳои амалии ҳамкории Тоҷикистону Узбекистон асос ёфта, аз бахшҳои сиёсат, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию маърифатӣ, фарҳангӣ, адабӣ. энергетикӣ, мелиоратсия ва обёрӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ иборат мебошанд. Навовариҳо дар таҳлилу таҳқиқ дар он зоҳир мегарданд, ки замони омузиш ва баррасиҳо басо мураккаб ва зуд-зуд ивазшаванда буда, дар ҳама гуна ҳолат мушкилот ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ба мадди аввал мебароранд. Аз ин лиҳоз навгониҳоро ба чунин бахшҳо тасниф кардан мумкин аст:

– дар бахши сиёсат: мутобиқгардонии шароит ва имкониятҳои ҷонибҳо дар фароҳамоварӣ ва истифода аз ҷониби ҳукуматҳо ва комиссияҳои ҳукумативу соҳавӣ;

– дар бахши иқтисодӣ: истифодаи равандҳо ва фишангҳои давлатӣ ва ғайридавлатии иқтисодӣ барои фаро гирифтани бозори маҳсулот ва равнақи тиҷорати байниҳамдигарӣ ;

– дар бахши иҷтимоӣ: фароҳамсозии имкóният ва шароит дар бахши хусусии иқтисодиёт ва дар ин замина беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум;

– дар бахши илм ва маърифат: таваҷҷӯҳи аввалиндарача ба мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилотӣ , муассисаҳои олии касбӣ, равобити мустаҳками илм ва истеҳсолот ва рушди технологияи соҳаи саноат;

– дар бахши фарҳанг ва адаб: тавсеаи рафтуомад ва табодули байни муассисаҳои фарҳангӣ: театрҳо, ҳунармандон, адибон, намояндагони илму фарҳанг, ташкили мунтазами Рузҳо ва Ҳафтаҳои адабиёт ва фарҳанги тоҷику узбек дар ҳар ду давлат;

– дар бахши энергетика: тавсеа ва рушди инкишофи ҳамкориҳои амалӣ барои бунёди НБО-ҳо дар Тоҷикистон бо маблағгузории Узбекистон ва тавсеаи додугирифти газу барқ;

– дар бахши мелиоратсия ва обьёрӣ, кишоварзӣ: равнақу ривоҷи анъанаҳои пештараи таъминот бо об ва такмили иншооти мелиоративӣ, шабакаҳои обьёрии кишварҳо, ташкили бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ;

– дар бахши нақлиёт ва коммуникатсия: ба роҳ мондани гардиши молу маҳсулот ва рафтуомади шаҳрвандон тавассути нақлиёти автомобилӣ, роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ, беҳтар кардани шароити логистикии ҳамлу нақли бору молҳо;

- дар бахши сайёҳӣ ва туризм: истифодаи имкониятҳои васеи сайёҳии табиӣ ва экологӣ, таърихӣ ва кишваршиносӣ дар ҳарду давлат, бунёди зерсохторҳои замонавии сайёҳӣ.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия**. Рисола дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо», ки амиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ шудааст, пеш аз ҳама барои омузгорони соҳаҳои таърих, мардумшиносӣ, сиёсатшиносӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаъҳо, равандҳо, шароит ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилаи судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Баробари ин таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзуи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон барои баррасӣ кардани чунин масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун

дастур ва адабиёти назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд. Зеро дар ин рисола заминаҳои назариявии ҳамкориҳо, шароити муносибатҳои дучониба, имкониятҳои объективии давлатҳо пурра ва амиқ таҳлил карда шуда, тавсияҳо пешниҳод карда шуданд, ки олимон, омузгорони мактабҳои олии касбӣ, мутахассисони соҳаҳо метавонанд дар раванди таълим, семинару конфронсҳо, ҳамоишҳо ва анҷуманҳои илмӣ истифода баранд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** пеш аз ҳама дар муҳиммияти истифода дар фаъолиятҳои ҳамарузаи мутахассисони соҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ зуҳур меёбад. Азбаски дар рисола шароитҳо ва имкониятҳои ҷонибҳои ҳамкор васеъ таҳқиқ карда шудаанд, омилони соҳаҳои иқтисодиёт ва умури беруна метавонанд, дар асоси тавсияҳо ва заминаҳои дар он баррасишуда фаъолияти хешро ба роҳ монанд ва комёб низ гарданд. Азбаски замони нави ҷаҳонишавии муносибатҳо уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро равшан мегардонад ва шароитҳои амалии ҷадид ба миён меоянд, таҷрибаи андухтаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон ва Узбекистон дар ин марҳила мазмуни амиқ касб мекунад ва паёмади хуше ба бор меоварад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳияи номи мавзуъ, нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳо, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти сиёсию геополитикӣ, минтақавӣ ва дохилии ҷумҳуриҳои таҳқиқшаванда, таҳлили адабиёти мавҷуда, ба илм ворид сохтани маводи нав, таҳлили шароит ва хусусияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон зоҳир мешавад.

Теъдоди маводи нашршуда ва интишороти натиҷаҳои илмии таҳқиқот ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд. Номгуи интишороти илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, чунин мебошанд:

1. Мамадкулова Р.О. Бардоштҳои суннатӣ ва навгаро дар таҳлили сиёсати хориҷии Тоҷикистон” [ Матн] / Р.О. Мамадкулова // Ахбори ДДҲБСТ. №4 (77) 2018. – С.126-133
2. Мамадкулова, Р.О. Аз таърихи робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодии Тоҷикистон ва Узбекистон дар солҳои 20-90-уми асри XX” [ Матн] / Р.О. Мамадкулова // Номаи Донишгоҳ. № 1( 74) 2023. – С. 51-57
3. Шароитҳо ва манфиатҳои нави ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Узбекистон. [ Матн] / Р.О. Мамадкулова // Паёми Донишгоҳи забонҳо, № 4 (52), 2023 – С. 319 – 325
4. Мамадкулова Р.О. Пешвои миллат ва ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя” [Матн] / Р.О. Мамадкулова // “Иҷлосия – Парвозгоҳи Пешвои миллат”, Хуҷанд, 2023. – С.181-188 .

Кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовнаро дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқотӣ дониста, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу меҳисобад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» ба ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд;
2. Диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» ба ҳимояи такрорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи

ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
Дар ҷаласа 12 нафар аъзои кафедра иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст: "тарафдор" – 12 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.
Протоколи № 8 аз 06 марти соли 2025.

**Раисикунандаи маҷлис,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Ҷаъфаров С.Х.**

**Котиби маҷлис, ассистенти**
**кафедраи минтақашиносии хориҷӣ** **Баҳриддинзода Б.Б.**

**Имзои Ҷаъфаров С.Х. ва Баҳриддинзода Б.Б. – ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

06. 03.2025